# ФАРМОИШИ
# РАИСИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз «04» 08 соли 2025 № 280/ди ш. Душанбе

Дар бораи рад кардани додани дараҷаи илмии
доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос

Мутобиқи сархати хабдаҳуми банди 9 ва сархати чоруми банди 18 Низомномаи Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, №270 тасдиқ гардидааст ва бандҳои 7 ва 116 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ф а р м о и ш м е д и ҳ а м:

1. Қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА-008 назди Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино аз 7 феврали соли 2025, №2 "Дар бораи ба Ҳиммат Муҳаммад Ёсин додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D110104 – Бемориҳои дарунӣ" бинобар риоя нагардидани талаботи бандҳои 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, бекор ва дар ин асос, дархости шуро рад карда шавад.

2. Баррасии такрории диссертатсияи номбурда тибқи муқаррарот дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шавад.

3. Шуъбаи аттестатсионии илмҳои тиббӣ, фармасевтӣ, биологӣ, байторӣ ва аграрӣ (Холмуродзода Ф.Ш.) дар муҳлати то 10 рӯз нусхаи фармоиши мазкурро дар сомонаи Комиссия ва парвандаи аттестатсионии довталаб ҷойгир намояд.

4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Мумин Шарифзода вогузор карда шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 июли соли 2025, №8

Раис Сайфиддин Давлатзода

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ